ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2026. – 174 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Ифтихори Амонқул ба таҳқиқу баррасии сохтори ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ бахшида шуда, як зумра масъалаҳои ба мавзуъ алоқаманд, амсоли муайян намудани ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти солҳои 60-80-уми асри XX, тавсифи мухтасари шарҳи ҳол ва фаъолияти эҷодии шоир, вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ ва таъйин намудани маъмултарин жанрҳои эҷодиёти ӯ, вижагиҳои мавзуӣ ва бадеии ашъори шоир, мазмун ва муҳтавои ашъор, сабки эҷодии шоир, вазн, қофия ва радиф дар ашъори Мастон Шералӣ ва дигар масоили монандро фаро гирифтааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мастон Шералӣ аз намояндагони муваффақи адабиёти тоҷики даврони шуравӣ буда, бо ашъори бою ғановатманди худ дар рушду таҳаввули шеъри тоҷикии солҳои 60-80-уми асри XX саҳми назаррас дорад. Мавсуф бо вуҷуди кӯтоҳии умр як зумра ашъори арзишманде дар жанрҳои гуногуни шеъри суннатӣ ва шаклу қаволиби нави шеърӣ ба ёдгор гузоштааст, ки ин ашъор номи ӯро дар қатори шоирони номдори нимаи дуюми асри XX ворид менамоянд.

Даврони ба фаъолияти эҷодӣ машғул будани Мастон Шералӣ, яъне солҳои 60-ум то 80-уми асри бист, дар таърихи адабиёти тоҷик аз даврaҳои пурбори адабиёти бадеӣ, даврони таҳаввулу такомули шеъри тоҷикӣ ба шумор меравад, ки маҳз дар ҳамин айём шоирони тоҷик бо ошноии бештар ба адабиёти ҷаҳонӣ, бахусус осори ҳамзабонони эронии мо, дар пайи таҷаддуд ва навоварӣ дар шаклу мазмуни шеъри тоҷикӣ шуданд ва то ҷое ба ин мақсади худ даст низ ёфтанд. Дар сафи ҷавоншоирони навҷӯ, чун Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва минбаъд Гулрухсору Гулназар, Мастон Шералӣ низ ҷойгоҳи назаррас дошт.

Сарфи назар аз мавқеи муносиб доштани Мастон Шералӣ дар адабиёти тоҷики даврони шуравӣ, то ба ҳол оид ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии ӯ

кори муфассалу мудаллали илмӣ мавҷуд набуд. Диссертатсияи мавриди назари мо аз аввалин корҳои ҷиддии адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад, ки бо ҳалли ин масъала равона шудааст. Ва ин масъалаҳои мубрами мавзуи таҳқиқро собит месозад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Нахустин маротиба дар диссертатсияи Ифтихори Амонқул ба таври монографӣ ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, вижагиҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори яке аз шоирони соҳибистеъдоди нимаи дуюми асри XX Мастон Шералӣ мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумлаи навгониҳои диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои шаклӣ ва мавзуии ашъори шоир, мавқеи жанрҳои гуногуни шеърӣ дар эҷодиёти ӯ, тасвирҳои ватандорӣ дар ашъори шоир ва моҳияти иҷтимоии онҳо, таҳқиқи ҳунари шоирӣ ва вижагиҳои маънавию бадеии ашъори Мастон Шералӣ мебошанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Дар диссертатсияи Ифтихори Амонқул ҳамаи хулосаву тавсияҳои илмие, ки оварда шудаанд, дар заминаи асноду мадорики илмӣ асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо таҳлилу баррасии амиқи назариявии мавзуи мавриди назар, нуктаҳои мушаххаси методологӣ ва маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асос ёфта, ин хусусиятҳо ба пажуҳиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мастон Шералӣ, вижагиҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори ӯ боис гардидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» аз муқаддима, чор боб бо фарогирии 14 фасл ва 5 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсияи Ифтихори Амонқул мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баён гардидааст, инчунин мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муайян шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти солҳои 60-80-уми асри XX»** унвон дошта, аз 3 зербоб иборат аст.

Диссертант дар фасли якуми ин боб, ки **«Вазъи адабиёти солҳои 60-80-уми асри XX»** унвон дорад, мухтасар дар бораи авзои адабии давраи мазкур

маълумот додааст. Ба назар мерасад, ки фасли мазкур барои диссертант ба ҳайси оғози мабҳаси илмӣ хидмат карда, унвонҷӯ пеш аз баёни натиҷаҳои таҳқиқ ба хотири равшантар тасвир намудани симои адабии Мастон Шералӣ хостааст, муҳити адабии замони зиндагии ӯро мухтасар муаррифӣ намояд.

Дар фасли дувуми боби мазкур, ки **«Зиндагиномаи Мастон Шералӣ»** ном гирифтааст, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии адиб ба таври мухтасар муаррифӣ гардидаанд. Муаллиф дар ин қисмати кор дар баробари шарҳи ҳоли шоир симои фардиву иҷтимоии ӯро низ бо такя ба хотираҳои ҳамқаламону ҳамқадамон тасвир намудааст.

Фасли савуми боби аввал **«Тавсифи мероси адабии шоир»** унвон дошта, дар он диссертант ба муаррифии мухтасари мероси адабии Мастон Шералӣ пардохтааст. Дар ин қисмати кор диссертант дар баробари фаъолияти шоирии Мастон Шералӣ фаъолияти драматургӣ ва тарҷумонии ӯро низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Боби дувуми таҳқиқот **«Мавқеи жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти Мастон Шералӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири як фасл ва панҷ зерфасл аст. Дар ин зерфаслҳо муҳимтарин жанрҳои ашъори шоир, аз қабили ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора ва шеъри озод мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Зикр гардидааст, ки дар миёни ин жанрҳои адабӣ таваҷҷуҳи шоир ба жанри чаҳорпора бештар аст ва ӯ «... ғановати афзуни маънавиро дар асолати ин навъи бадеӣ пешкаши хонандагон ва ҳаводорони каломаш гардондааст» (диссертатсия, с.58).

Бо он ки жанрҳои суннатӣ дар эҷодиёти шоир он қадар мавқеи назаррас надоранд, диссертант, тибқи одати маъмул, сараввал ба таҳлилу баррасии онҳо пардохта, зерфасли аввалро ба нақду арзишдоварии ғазалиёти шоир бахшидааст ва дар зерфаслҳои дуюму сеюм ба таҳқиқи рубоиву дубайтиҳои шоир машғул гардидааст. Аз натиҷаи таҳқиқи унвонҷӯ маълум мегардад, ки Мастон Шералӣ дар гуфтани анвои суннатии шеъри форсӣ истеъдоди қобили таваҷҷуҳ дорад ва бо вуҷуди он ки шоири дар ин жанрҳо мубтакир нест, аз ҳар як намунаи ашъораш кӯшишҳои ӯ барои тозагӯӣ мушоҳида мешавад.

Дар зерфасли панҷуми боби дуюм диссертант ба нақду баррасии шеърҳои озоди Мастон Шералӣ пардохтааст. Аз таҳқиқи анҷомдодаи муҳаққиқ маълум мешавад, ки шоир дар баробари дигар анвои шеър дар гуфтани шеъри озод низ маҳорати назаррас дошта, дар гуфтани ин навъи шеър аз пешгомони даври худ будааст.

Дар маҷмуъ, диссертант тавонистааст, ки дар боби мазкур оид ба жанрҳои гуногуни осори манзуми Мастон Шералӣ ва мақоми ҳар яки онҳо дар таркиби эҷодиёти шоир маълумоти мудаллали илмӣ пешниҳод намуда, андешаву афкори худро бо овардани шавоҳиди зиёди шеърӣ собит намояд.

Боби савуми диссертатсияи Ифтихори А. **«Вижагиҳои мавзуӣ ва бадеии ашъори Мастон Шералӣ»** унвон дошта, аз ҳафт фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муаллифи диссертатсия ба пажуҳиши як зумра масоили ба мавзуъ алоқаманд, амсоли таҳқиқи ҷанбаҳои мавзуии эҷодиёти шоир, баррасии мавзуи ишқ, мавзуъҳои иҷтимоӣ ва васфи Ватану Модар дар эҷодиёти шоир, хусусиятҳои забонӣ, вижагиҳои сабкӣ ва мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори шоир пардохта, бо мисолҳои мушаххас собит намудааст, ки ашъори шоири мазкур дар баробари доштани шаклу сохтори мувофиқу муносиб аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷа ва сохтори ҳунарӣ низ ҷолибу муассир буда, дарбаргири мазомини ахлоқӣ, афкори худшиносию ватанпарварона, тараннуми ишқу муҳаббат, ваҳдати миллӣ, эҳтироми модар, худогоҳӣ ва амсоли инҳо мебошанд ва аз нигоҳи корбурди ороятҳои адабӣ низ дилпазиру мукаммаланд.

Мушоҳида нишон медиҳад, ки диссертант дар таҳлилу баррасии ин масоили ба мавзуъ алоқаманд низ муваффақ буда, барои мувофиқи талабот ҳаллу фасл намудани онҳо кӯшишҳои қобили таҳсин анҷом додааст.

Боби чоруми кори диссертатсионӣ **«Вазн, қофия ва радиф дар ашъори Мастон Шералӣ»** ном дошта, фарогири се фасл аст. Дар фасли аввали ин боб диссертант ба нақду баррасии авзони шеъри Мастон Шералӣ пардохта, муайян намудааст, ки шоири мазкур дар гуфтани ашъори суннатии худ бештар аз анвои ҳафт баҳри арузӣ: ҳазаҷ, рамал, раҷаз, музореъ, хафиф, муҷтасс ва сареъ мустафид будааст. Сабаби интихоби ин авзонро муҳаққиқ дар хушоҳангу дилнишин будани онҳо дидааст, ки ин иддао дурусту боварибахш аст.

Дар фасли дувуми боби мазкур диссертант мавқеи қофияро дар ашъори суннатии шоир мавриди таҳқиқ қарор додааст. Заҳмати ӯ дар таҳлилу баррасии ин масъала низ назаррас буда, хулосаву натиҷагириҳояш илман дурусту саҳеҳанд. Ба қавли диссертант, «қофияҳои шеъри шоир ҳамагӣ солим ва пурбаҳо буда, дар онҳо унсурҳои ғайриҳунарӣ, мисли иваз кардани равӣ, қайд, васл ва монанди инҳо қариб ки дида намешавад» (диссертатсия, с. 149).

Фасли савуми боби охири кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи нақши радиф дар ашъори шоир бахшида шудааст. Диссертант муайян намудааст, ки радиф ҳам дар ашъори суннатӣ ва ҳам дар анвои шеъри нави Мастон Шералӣ назаррас аст. Тибқи иддаои муҳаққиқ, шоири мазкур радифро на ҳамчун унсури иловагии шеър, балки ба ҳайси унсури асосӣ ва калидӣ дар ашъори худ ба кор бурда, бо истифодаи ин унсур хушоҳангиву дилнишинӣ ва ғановати маъноии шеъри худро афзун намудааст.

Хулосаи диссертатсияи Ифтихори Амонқул, ки аз 11 банд иборат аст, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар охири ҳар банд

истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Инчунин, дар 6 банд тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмуъ, бо бовару эътимод гуфтан мумкин аст, ки диссертант Ифтихори Амонқул аз уҳдаи ҳалли муваффақонаи масъалаи ба ӯ вогузоршуда ба хубӣ баромадааст. Диссертатсия бо сабку услуби роиҷи илмӣ ва забони шевову равон навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳои баровардашуда эътимоднок, мантиқан солиму устувор ва қобили қабул мебошанд. Ҳамчунин, тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дурусту саҳеҳ ва боварибахшанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия. Аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки аз маводди диссертатсия метавон ҳангоми таҳия ва таълифи бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик, навиштани диссертатсияҳои номзадиву докторӣ ва рисолаҳои магистриву бакалаврӣ истифода бурд. Диссертатсия дар густариши масъалаҳои иҷтимоӣ, ки адабиётшиносӣ ҷузъе аз иҷтимоиёт аст, саҳми назаррас дорад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 10 мақолаи муаллиф, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Автореферати диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои муайянгардида таҳия шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоию грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Мушаххасбаёнӣ, ки яке аз вижагиҳои услуби илмӣ аст, дар ҷо-ҷои диссертатсия риоя нагардидааст. Диссертант гоҳо зимни таҳлили параҳои шеърӣ як матлаби хурдеро хеле муфассал шарҳу эзоҳ медиҳад, ки ба фикри мо зарурат надорад. Барои мисол, дар саҳифаҳои 17, 33, 49, 55, 59, 73, 80, 93, 103, 118 ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад.

2. Баъзе ҷумлаҳои диссертатсия хусусияти тавсифӣ касб кардаанд, ба андозае, ки агар номи шоири мавриди назар набошад, гумон меравад, ки сухан дар бораи шоирони бузурги адабиёти классикӣ меравад. Барои мисол, таваҷҷуҳ шавад ба ҷумлаи мазкур: «Ашъори Мастон Шералӣ баланду нотакрор ва ҳидоятгарона буда, фаҳми маъниву мантиқи он дар сурате ба хонанда даст медиҳад, ки ӯ дар ин замина огоҳии комил аз ҳамаи аркони адабиёт дошта ва хӯшае аз хирвори ҳамаи шоирони мутақаддиму муосир бардошт карда тавониста бошад» [диссертатсия, с. 18].

3. Дар зербоби 1-и боби 4-ум диссертант зимни баррасии авзони маъмул дар ашъори Мастон Шералӣ пеш аз овардани номи буҳуру авзон ба шарҳу тавзеҳи байтҳо мепардозад, ки ин иқдом фаҳмидани муддаои ӯро барои хонанда душвор гардонидааст. Хуб мебуд, диссертант сараввал номи вазнҳоро мувофиқ ба дараҷаи истифодаи онҳо дар шеъри шоир оварда, сипас барои онҳо шавоҳиди шеърӣ меовард.

4. Мушоҳида мешавад, ки диссертант дар овардани номи рукнҳо, яъне афъоилу тафоъили баъзе абёт ба саросемагӣ роҳ додааст. Барои мисол, дар саҳифаи 142 байти мазкур оварда шудааст:

Рӯдакиро ба ёди олам дод

Аср чун шоири самарқандӣ.

Бо он ки диссертант вазни ин байтро, ки Хафифи мусаддаси махбуни аслам аст, дуруст дарёфтааст, дар тақтеъ ва овардани номи аркон ба хато роҳ додааст.

5. Диссертант баъзе байту мисраъҳоро нодуруст овардааст. Барои мисол, ҳар ду мисраи байти зерин ғалат сабт гардидаанд:

То риштаи наззора бар он зулф бубастаем,

Сад тавба, ки буд баст ба як дида шикастаем [дисс., с. 135].

6. Зимни мураттаб намудани диссертатсия унвончӯ ба таносуби бобҳо дуруст риоя накардааст ва дар натиҷа, бобҳо аз рӯйи ҳаҷм хеле мутафовитанд. Ба андешаи мо, ба чор боб ҷудо намудани масоили баррасишаванда зарурат надошт ва имкони мутаҳҳид кардани бобҳои якуму дуюм мавҷуд буд.

Камбуду норасоиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Аҳмадов Сафармад Гадомадович

02.04.2026

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С. Раҳимов, 7/26
Тел.: (моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Нажмидинов Муслиҳиддин Маҳмараҷабович

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел.: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; Email: bqu-1978@mail.ru

02.04.2026